С.Ҳасанов, У.Раҳимов

# НАҚҚОШӢ

## (ДАСТУРИ МЕТОДӢ)

ХУҶАНД-2010

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД ба номи академик Б.ҒАФУРОВ

С.Ҳасанов, У. Раҳимов

# НАҚҚОШӢ

## (дастури методӣ)

Нашриёти
“Нури маърифат”
ХУҶАНД – 2010

ББК 85.12
Ҳ 48

Шўрои таълбу нашри ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров ба чоп тавсия кардааст

Нусхаи ҳатмӣ

С.Ҳасанов, У.Раҳимов. НАҚҚОШӢ (ДАСТУРИ МЕТОДӢ). - Хуҷанд: Нури маърифат, 2010. - 96 саҳ.

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
«КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ
ТОҶИКИСТОН»
Ҳ21447
745/719

***

Китоби мазкур, маълумоти мухтасарро дар бораи ҳаёт ва фаъолияти баъзе аз ҳунармандони машҳури соҳаи санъати ороиши амалӣ ва ҳунарҳои халқӣ, ҷузъиёти нақшҳои ислимӣ, гиреҳӣ, зооморфӣ ва нақшҳои катибавиро дар бар гирифтааст. Он барои боз ҳам баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯёни факултаи рассомӣ-графикӣ мусоидат намуда, ҳамчун дастур ба роҳбарони маҳфилҳои наққошии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти иловаги ёри мерасонад.

© ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, 2010.

## ТАЪРИХИ МУХТАСАРИ ИНКИШОФИ САНЪАТИ ОРОИШИ АМАЛӢ

Санъати ороиши амалӣ - яке аз намудҳои санъат буда, наққошӣ, нақшофарӣ яке аз ҳунарҳои қадимаи ҳунармандони халқӣ мебошад. Дар таърихи санъати қадимаи халқи тоҷик ва бозёфтҳои бостоншиносон санъати наққошӣ дар радифи ҳунарҳои меъморӣ, кулолгарию мисгарӣ, гулдӯзию бофандагӣ, заргарию қолинбофӣ, кандакориҳои чӯбу фулузот равнақу ривоҷ ёфтааст.

Ёдгориҳои санъати он даврaҳои таърихи қадима, асри миёна ва таърихи навтарин иборат буда, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки санъати ороиши амалӣ яке аз маъмултарин ороиши бадеии меъморихои ҷамъиятию шахсӣ ва ибодатгоҳӣ ба шумор меравад.

Дар ороиши меъморӣ кандакорӣ, гаҷкорӣ, хишткорӣ, наққошӣ ва тасвирҳои рӯи деворӣ истифода бурда мешуданд. Бо намунаҳои санъати ороиши амалӣ дар бозёфтҳои таърихии Панҷакенти қадима, Шаҳристон, Варахшаю Афросиёб ва Ҳулбук шинос шудан мумкин аст.

Ҳунармандони ин соҳа наққошию кандакории пештоқу меҳроб, сутуну девору дарвозаи мақбараю масҷид ва мадрасаҳоро, ба монанди: Мақбараи Исмоили Сомонӣ, Мадрасаи Мири Араб, Мадрасаи Шердор, Мадрасаи тиллокорӣ ва қалъаи қаҳқаҳои (Шаҳристон), Ҳазрати Шоҳ (Исфара), ки намунаи онҳо мебошанд, иҷро намудаанд.

Наққошӣ дар аҳди Сомониён ва хусусан дар аҳди Темуриён авҷ мегирад ва ҳунармандон (меъморон, тарроҳон, наққошон, кандакорон) аз шаҳрҳои гуногуни олам ва гӯшаҳои гуногуни Осиёи Миёна ба Самарқанду Бухоро оварда шуда,

онҳо ба равнақу ривоҷи ин соҳа саҳм гузоштаанд.

Наққошӣ аз чунин намудҳо иборат аст: гирех, ислимӣ, нақши омехта, ҷонварнусха.

Нақши гиреҳӣ иборат аз ҷузъиёти ҳандасавӣ, паргорӣ, мадохил, ситораҳои бисёркунча, чоркалид, чортарка, доира мебошанд.

Нақши ислимӣ аз барг, барги бед, гули ошиқи печон, гулҳои лола, садбарг, гули райҳон, гули раъно, гули хайрӣ, гули тоҷи хурӯс, бандҳо, банди дурафтор, чоррафтор ва ғайраҳо иборат мебошад.

Нақши зооморфӣ – ҷонварнусха тасвирҳои ҳайвонҳои афсонавӣ, ҳайвонҳои хонагӣ ва парандагон, ба монанди булбул, кабӯтар, товус, мурғи ҳилол, кабк, гунҷишк, моҳӣ, мор ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Нақши гиреҳӣ бо ислимӣ зеб дода мешавад, ки он нақши гиреҳи омехта номида мешавад.

Ороиши минбару меҳроб, пештоқу даромадгоххо бо оятҳои Қуръони Карим, бо навиштаҷоти арабӣ, кӯфӣ оро дода мешавад, ки онро нақши катибавӣ меноманд, ва онро дар шаклҳои росткунча, бисёркунча, доирашаклу салибӣ ва дар тасвири парандагону ҳайвонот дида мешавад.

Чунин нақшҳоро наққошону ҳунармандон дар ороиши қисми бино, сутуну шифти хонаҳо, дару дарвозаҳо, дар ороиши матоъҳо, сарулибос, таҷҳизоти зист истифода мебурданд.

Пеш аз он, ки ҳунари наққошӣ ё умуман ороишӣ ичро гардад, албатта хона ё иншоот аввал тарҳрезӣ карда мешавад. Бинобар ин мо зарур донистем, ки дар ин қисмат маълумот оид ба тарҳрезии хонаи хучандӣ пешкаши хонанда намоем.

## Ороиш ва тарҳрезии хонаи хуҷандӣ

Масолеҳи асосии сохтмон дар Хуҷанд чӯбҳои дарахтони сафедор, гилхок ва санг ба ҳисоб мерафт. Соҳиби сохтмон бо устои иморатсоз - ҳаррот, ҳамсояҳо, мӯйсафедон маслиҳат карда, ҷои иморатро интихоб менамуд. Ҳаррот бо гунё ростаю каҷии иморатро муайян мекард ва бо реҷаресмон кунҷҳою қутри биноро дақиқ муайян мекард. Сипас, ҷойҳои баландро канда, ба қитъаи пастхок андохта, ҳудуди иморатро ҳамвор менамуданд.

Бо кӯбакчӯби сахти вазнин замини таҳкурсиро хуб шибба мекарданд. Асоси бино, таҳкурсии он дар натиҷаи сангчинӣ, истифодаи чӯбҳои арча бо усулҳои махсуси мустаҳкамкунӣ, ки тароқбандӣ ном дошт, бунёд мегашт. Омилҳои ба зилзила тобовар гаштани биноро тагсинҷ, бӯрё, гӯша, чоргӯша, болосинҷ ва сутунҳо таъмин мекарданд.

Бо роҳи ҳашар, ки дар он хешу таборон, ҳаққу ҳамсояҳо, ҳамгузарҳо иштирок мекарданд, кулӯхдеворҳо бардошта, онҳоро бо коҳгили дағал хомлой мекарданд, хомлой якҷоя бо кулӯхдеворҳо, синҷҳо ва сутунҳо мустаҳкамии иморатро таъмин менамуд.

Баъд маъракаи муҳими болорбарорӣ барпо мегашт. Пайваста ба ҳаҷми хона шумораи болорҳо истифода бурда мешуд. Одатан хонаҳо нӯҳ-сенздаҳ болордор мешуданд. Ҳаррот бо шогирдонаш дар рӯи замин ҷузъҳои сақф: арак, қабза, фурӯмониҳо, ҳошия вассаҳоро чида ҷобаҷо мекард. Баъд ҷузъҳоро ба рӯи болорҳо бароварда бо ҳам васл менамуд..

Пайвасти сақф бо болорҳо, сутунҳо, синҷҳо бе ягон мех иҷро мегардад ва ин ҷараёни бағоят муҳими корро

ҳарротҳо «қулфу калид»-и иморат меноманд. Равоқи байни болорҳо одатан яклухт ва ё нимгӣ бо вассаҳо пӯшида мешуд. Ҳолати яклухтро вассачуфт ва омехтаи вассаю бӯрёро вассабӯрё меномиданд.

Одамони доро сақфи иморатҳои худро бо ҳафсалаи хуш кандакорӣ, наққошӣ, ороиши шарора, ҳавзак зинат медоданд. Баъди ҷобаҷо кардани сақфи хона сохтани кулӯхдеворро ба итмом мерасониданд ва ин ҷузъи иморат сардевор ном дошт.

Пас болои вассачуфт ва ё вассабӯрё навъи махсуси бӯрё ё худ қамиш ва аз болои он пахол паҳн мекарданд. Ба рӯи пахол лойи ба хок омехтаро бо номи ғӯрагил мепартофтанд ва алоҳида аз болои он хок мекашиданд. Тамоми рӯи бомро роҳи обҳои борону барф, тарновҳоро ба назар гирифта болой омехтаи коҳгил бо ҳафсалаи том меловиданд.

Ба шинонидани дару тиреза, тобдон-панҷараи кандакорикардашудаи болои даромадгоҳ, ки аз он рӯшноӣ ба хона медаромад, дарпарда-табақи тахтагини рӯи тирезаҳо, дарича ва равзанаҳо эътибори калон медоданд.

Деворҳои даруни хонаро бо лойи омехтаи коҳи маҳон пардоз медоданд. Мардуми доро барои пардоз гаҷхокро истифода мебурданд. Дар деворҳои дохили хона тахмон, тахмончаҳо ва сонитар ҷевонҳо ҷузъҳои муҳим ҳисоб меёфтанд.

Тахмон дар мобайни девор, пешгоҳи хона барои гузоштани сандуқи калон ва дар болои он тах кардани қолину палосҳо, кӯрпаҳо хизмат мекард. Дар тахмончаҳо, ки одатан дар ду тарафи тахмон ҷой доштанд, сандуқчаҳо ва ба болои онҳо кӯрпачаҳо, болиштҳо мегу-

зоштанд.

Ток, ки буриши қисми поёнии деворро ишғол менамуд, барои гузоштани сандуқча, кӯрпача ва болиштҳо хизмат мекард.

Дар токчаҳо зарфҳои сафолӣ, чинӣ, мисин ва биринҷиро чида мемонданд. Инчунин дар токча китобҳоро низ ҷой мекарданд.

Китоби муқаддаси «Қуръон» дар токчаи аз ҳама баланд, дар дохили ҷузвдони махсус нигоҳ дошта мешуд.

Дар ҳавлиҳои берун одамони мутаассиб ва аҳли дин хонаҳои махсус бо ном «меҳробдор» месохтанд. Меҳроб дар девори тарафи ғарбии хона бо усули кандакории рӯи гач кашида мешуд. Токчаҳои ин гуна хонаҳо болопӯшдор буда, ба сифати ороиш ва аз макрӯҳшавӣ эмин нигоҳ доштани зарфҳо хизмат мекарданд.

Ба фарши хона вобаста ба ҳолу вазъи оила бӯрё, ё худ пахол, аз болои онҳо палос, гилем ё намад паҳн менамуданд. Воситаи муҳими гармкунӣ дар фасли зимистон сандалӣ ҳисоб меёфт.

Ҳуҷраи даромадгоҳи хонаҳои истиқоматиро даҳлез меномиданд.

Даҳлез ҳатман оташдон, мӯрӣ ва ташновро дар бар мегирифт. Дар деворҳои даҳлез низ ток ва токча месохтанд. Нондон – сандуқи нон, хумҳо ва кӯзаҳои об, сатили болопӯшида, зарфҳои гуногуни рӯзғор дар даҳлез ҷой мегирифтанд.

Утоқҳои камоина ва аз тахта кунгурабандӣ кардашударо айвони тахтабанд ва сероинадорро айвони равон меномиданд. Қазноқро хазинаи ҳавлӣ мегуфтанд.

## Истифодаи намудҳои гуногуни нақш дар маишати рӯзгори тоҷикон

Санъати нақҷоши полихромӣ як намуди корҳои ороиши бино буда, дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX нашъунамо ёфтааст. Ҳунармандону нақҷошон дар сохтмонҳои биноҳои шахсӣ, ибодатхонаҳо дастҷамъона меҳнат мекарданд.

Нақҷошӣ, гаҷкорӣ, кандакории чӯб дар ороиши биноҳо қисми ҷудонашаванда мебошад. Биноҳо бо нақшҳои ислимӣ ва гиреҳӣ оро дода мешуданд.

Маҷмӯи рангҳои сатҳи нақҷошӣ мешуда аз истифодаи он дар кадом фасли сол ба назар гирифта мешуд.

Агар истиқоматгоҳ (айвон, шипанг) баҳорона бошад, бо рангҳои сард ва агар зимистона бошад, бо рангҳои гарм нақҷошӣ карда мешуданд.

Дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX дар Осиёи Миёна нақҷошӣ хеле нашъунамо меёбад. Ҳунармандон хонаҳои шахсӣ, маъмурию ҷамъиятӣ сохта дар ороиши он аз услубҳои меъмории анъанавии аҷдодӣ истифода мебурданд.

Иншоотҳои маъмурию ҷамъиятӣ ва шахсӣ бо ҳавзаку вассаҷуфт, сарравҳо, сутунҳои калламуқарнае, ки сақфи хонаро нигоҳ медошт, оро дода мешуданд. Дар ороиши бино бастакории кандакорӣ бо нақҷошӣ ва гаҷкорӣ дар ҳамбастагии якдигар ороиши бадеии томро ифода мекард ва ҳунармандони ҳар як соҳа китф ба китф меҳнат мекарданд.

Ёдгориҳои беҳтарини санъати ороиши амалии то инқилобӣ масҷиди қишлоқи Далёни боло (Ғîí÷ӣ), Дарх (Зарафшони ёóҳӣ), масҷиди Савристон ва мазори Эшони Мавлонои Истаравшан, хонаҳои истиқоматии шаҳри Хуҷанд

ва Исфара мебошанд.

Дар ин давра ҳунармандон, ба монанди усто Карим Абдухолиқов, усто Мансур, усто Рауф, усто Мирарбоб-наққош, усто Бобоҷон наққош дар инкишофи санъати кандакорӣ, наққошӣ ва гаҷкорӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Санъати ороиши амалӣ солҳои 50-уми асри XX хеле ҳам авҷ мегирад. Санъати наққошӣ дар ҳамбастагии кандакории чӯб ва гаҷкорӣ инкишоф меёбад, ки намунаи онро мо дар мисоли қасри маданияти «Арбоб» ба номи С.Ӯрунхӯҷаеви ноҳияи Б.Ғафуров (меъмор Юлдошев Ҳ.А., 1951-1957), театри мазҳакавӣ-мусиқии ба номи Камоли Хуҷандӣ (1963), Бозори Панҷшанбе (1959, меъмор Волков С.В.,) «Чойхонаи мӯйсафедон» (ҳозира АРТ-галерея), чойхонаи «Роҳат» (1959, Терлетский К, Гендлин Д), чойхонаи «Фароғат» (1960, Соломинов Г.В., ва Зубайдов), чойхонаи барои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1979, наққорон ва наққошон Шокиров А., Мирраҳматов М., Ҳамдамов А), китобхонаи ба номи Т.Асирӣ, чойхонаи «Гули бодом» дар Конибодом, чойхонаи «Сино» ва санаторияи «Зумрад» дар Исфара, чойхонаи «Азизон»-и шаҳри Хуҷанд (Ҳайдаров А ва Мирраҳматов М. Сангинов Р.) дида метавонем.

# ҲУНАРМАНДОНИ ДАВР

## Камолиддин Беҳзод (тақрибан солҳои 1455-1535)

Камолиддини Беҳзод дар Ҳирот, дар оилаи косиби тоҷикони Хуросон ба дунё омадааст. Мусаввири бузург, наққош ва минеатурнигори тоҷик, бо лақаби «Монии Сонӣ» шӯҳрат дошт. Устодони К.Беҳзод Пир Саид Аҳмади Табрезӣ ва китобдори дарбори Ҳусайн Бойқаро Мираки наққош буданд.

Камолиддини Беҳзод ҷавони хеле боистеъдод буд. Мираки наққош, ки хешованди ӯ буд, тарбияи Камолиддини ҷавонро ба зимаи худ мегирад ва сабабгори он мешавад, ки дар китобхонаи дарбории Ҳирот кор кунад. Дар он ҷо бисёр ҳунармандон фаъолият мебурданд.

К.Беҳзоди ҷавон ғайр аз тарбияи устои худ Мираки наққош боз аз таълим ва дастгирии дигар арбобони бузурги илму адабу санъат бенасиб намондааст.

Бо фармони шоҳ соли 1522 К.Беҳзодро сардори китобхона, роҳбари асосӣ, нозири ҳамаи ҳаттотон, саҳҳофон, наққошону музаҳҳибон, ҷадвалкашону ҳалкорон ва заркӯбон таъин мегардад.

Ӯ дар таърихи санъати ҷаҳонӣ ҳамчун боистеъдодтарин

ородиҳандаи бисёр асарҳои барҷастаи адабии замони худ шинохта шудааст.

Ороиши китоб дар он замон ба авҷи баланд расида буд, асарҳои барҷаста аз тарафи ҳаттотони машҳур бо завқи том китобат карда мешуданд.

Саҳҳофон барои онҳо муқоваҳои аз ҷиҳати бадеӣ баландсифат месохтанд ва пас аз ин китоб ба мусаввирон супорида мешуд, ки онҳо китобро бо минеатураҳо оро медоданд.

Санъати минеатуранависии Камолиддин Беҳзод хеле пуробуранг мебошад. Беҳзод дар минеатураҳояш бештар тасвири воқеаҳои пурталотуму серҳаракат, афсаронро дар ғарқи мубориза нишон дода, маҳорати бастакории асарҳоро пурра зоҳир кардааст.

Беҳтарин асарҳои ӯ эҷодиёти давраи ҳиротии рассом, силсилаи минеатураҳо барои ороиши китоби Шарофиддин Алии Яздӣ «Зафарнома», «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ (1488) ва ҷеҳраи шоҳ Султон Ҳусейн мебошанд. Камолиддин Беҳзод дар ороиши асарҳои Низомии Ганҷавӣ «Хамса» камолоти маҳорати мусаввирии худро зоҳир кардааст.

Маълум аст, ки К.Беҳзод офарандаи чеҳраҳои Алишер Навоӣ, Султон Ҳусайн Бойқаро, Муҳаммад Шайбонихон, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулло Ҳотифӣ ва шоҳ Исмоил барин ҳамзамононӣ худ мебошад.

Беҳзод ҳамчун чеҳранигор то ба дараҷаи барҷастатарин рассом расидааст ва ӯро дар Аврупо «Рафаэли Шарқ» номидаанд.

# Мирзораҳмат Олимов (1891-1971)



Мирзораҳмат Олимов дар маҳаллаи Ҷонбаҳорони Хуҷанди бостонӣ, дар оилаи ҳунарманди машҳур Мирзоолим Носиров ба дунё омадааст. Касби наққоширо аз ҳунармандони машҳури он давра Мирзоҳаким, Ҳоҷӣ Мирсолеҳ ва қорӣ Мирнеъмат омӯхтааст.

Баъди вафоти падараш М.Олимов ҳамчун наққош ба камол расида, бо бисёр ҳунармандон, ба монанди усто Ғафур Мансуров ҳамкорӣ мекард. Дар синни 25-солагиаш Мирзораҳмат ҳамчун наққоши моҳир машҳур шуда буд. М.Олимов бо ҳамроҳи ҳунармандон дар сохтмон ба нақшу нигори масҷиду манзилгоҳҳои водии Фарғона, шаҳрҳои Конибодому Андиҷони Ҷумҳурии Ӯзбекистон фаъолона иштирок дошт.

Мирзораҳмат Олимов ҳунари кундалрезиро аз худ намуда, онро аз нав эҳё кардааст. Ҳангоми фаъолияти омӯзгориаш дар шӯъбаи санъати ороиши амалии омӯзишгоҳи рассомии ш.Душанбе (ҳоло ба номи М.Олимов) дар тайёр кардани мутахассисони соҳа саҳми калон гузоштааст.

Асарҳои М.Олимов борҳо дар шаҳри Москав ба намоиш гузошта шуда (соли 1941ва соли 1957), осорхонаи ба номи К.Беҳзодро зеб додааст.

Барои корҳои шоистаи худ дар пешрафти маданияти наққошӣ М.Олимов бо унвони Рассоми халқии Тоҷикистон

(с.1959), лауреияти мукофоти ба номи А.Рӯдакӣ ва боз якчанд ифтихорномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шудааст. М.Олимов анъанаҳои беҳтарини нақққошӣ, кундалкорӣ, нақшбандӣ, нусхапартоиро идома дода, ба онҳо мазмуну мундариҷаи нав бахшидааст.

## Мақсуд Солиев
## (1887-1968)



Усто Мақсуд Солиев дар маҳаллаи Шайхбурҳони ноҳияи Б.Ғафуров, дар оилаи ҳунарманд таваллуд ёфтааст. Нақққоши тоҷик, Ходими хизмат нишондодаи санъати РСС Тоҷикистон (1957)

Санъати нақққоширо аз падараш Ҳоҷӣ Мирсолеҳ омӯхтааст. Солҳои 1952-1957 ҳамроҳи устоҳои халқӣ Очил Фаёзов, Раҳимшайх Рачабов ва дигарон нақшу нигори қасри маданияти колхози ба номи С.Ӯрунхӯҷаеви ноҳияи Б.Ғафуровро анҷом дода, ба ороиши биноҳои дигар пардохтааст ва ба гурӯҳи нақққошони ҷавон сарварӣ намудааст.

Мақсуд Солиев беҳтарин анъанаҳои нақққошии гузаштаро идома дода, онро бо унсурҳои наву замонавии ороишот ғанӣ гардонидааст. Нақшу нигор ва ороиши «Чойхонаи мӯйсафедон» (ҳозира бинои АРТ-галереяи «Сомониён»), ороиши ду толори калон ва айвони ошёнаи дуюм, чойхонаи деҳаи Шайхбурҳон, як қисми сақфи театри мазҳакавӣ-мусиқии ба номи К.Хуҷандӣ ва ғайра ба ӯ мансубанд.

Мақсуд Солиев дар офаридани нақшҳои ҳандасавӣ,

мунаббатӣ ва дигар нақшҳои анъанавӣ маҳорати калон дошта, усулҳои гуногуни нақшу нигор-гирех, ислимӣ, ислимии ду банд, ишкела, лоламадохил ва ғайраро фаровон истифода бурдааст.

Ӯ лауреати мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи А.Рӯдакӣ (1964), барои ороиши театри мазҳакавӣ-мусиқии ба номи К.Хуҷандӣ) буда, бо медалҳо ва грамотаи фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

## Ғафур Мансуров
## (1888-1977)

Ғафур Мансуров дар маҳаллаи Чорбоғи шаҳри Хуҷанд, дар оилаи ҳунарманд мулло Мансури нақққош таваллуд ёфтааст. Бобои ӯ мулло Мир Ҳусейн яке аз нақққошони шинохтаи Хуҷанд ба ҳисоб мерафт.

Усто Ғафур Мансуров дар синни 12-солагиаш чун устои мустақил шинохта шуда буд. Ӯ дар ороишу нақққошӣ намудани биноҳои шахсӣ ва масҷидҳои Хуҷандшаҳр, шаҳрҳои водии Фарғона, Тошканду вилоятҳои Қазоқистон саҳм гузоштааст.

Ғафур Мансуров дар ҷодаи эҷодиаш бо усто Усмони дуредгар, усто Ёқубҷони франгӣ, қори Фаёзи дуредгар, усто Ҳошими гилкор ҳамкорӣ намудааст. Ӯ ҳангоми нақшпартоӣ аз ахта кам истифода мекард ва нақшҳоро якбора дар сақф тасвир мекард. Дар композитсияи нақшҳои ӯ дастаи гул, паррандаҳо ва паррандаҳои афсонавӣ ҷой додаст. Усто Ғафур бо Мирзораҳмат Олимов, нақққоши машҳур усто Мақсуд Солиев, Р.Рачабов,

О.Фаёзов дар ороиши қасри маданияти Арбоб ҳамкорӣ намудааст.

Ӯ дар нақшҳо анъанаи қадима 7-намуди рангро, яъне зард, сурх, норинҷӣ, кабуд, сабз, сафед, пуштиро истифода мебурд.

Усто Ғафур Мансуров узви иттифоқи рассомони СССР (1960), аъзои фонди бадеии СССР (1959), аъзои иттифоқи рассомони Тоҷикистон (с.1965) буд.

Барои хизматҳояш бо унвони фахрии «Арбоби хизматнишондодаи санъати Тоҷикистон» (1964), Лаурети мукофоти ба номи А.Рӯдакӣ (1964) сарфароз гардонида шудааст.

## Раҳимшех Раҷабов
## (1888-1971)



Раҳимшех Раҷабов, дар деҳаи Шайхбурҳон дар оилаи ҳунарманд таваллуд ёфтааст. Ба санъати наққорӣ аз овони ҷавониаш шавқу рағбати калон доштааст. Ӯ санъати наққориро аз усто Ёқуби Шайхбурҳонӣ омӯхтааст. Солҳои 1952-1957 ҳамроҳи устоҳои халқӣ Очил Фаёзов, усто Мақсуд Солиев ва дигарон наққории қасри маданияти «Арбоб»-и колхози ба номи С.Ӯрунхӯҷаев фаъолона иштирок намудааст. Раҷабов Р. бо гурӯҳи кориаш дар деҳаи худ чойхонаю масҷидро оро додааст ва дар ороиши биноҳои ҷамъиятию шахсии маркази вилоят ва берун аз он низ саҳм гузоштааст.

Маҳсули кори эҷодии ӯ сутунҳои кандакорӣ, ҳавзаю вассаҷуфт намунаи беҳтарини корҳои наққорӣ мебошад. Ӯ дар тайёр кардани шогирдони соҳаи худ ҳиссаи калон гузоштааст.

## Очил Фаёзов (1888-1974)



Фаёзов Очил наққоши халқӣ аз оилаи ҳунарманд буда, наққоширо аз бобояш омӯхтааст. Фаёзов Очил биноҳои Ӯротеппаро зиннат дода, на танҳо дар вилоят, балки дар наққошии биноҳои ҷамъиятии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ иштирок кардааст. Дар намоиши байналхалқии Париж (1936) чанд намунаи ҳунари О.Фаёзов намоиш дода шудаанд.

Фаёзов Очил чун ҳаттоти моҳир дар тартиб додани қитъа, нақшҳои катибавӣ маҳорати калон дошт. Ӯ бо грамотаи фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

## Мирзоҳаким Саидов (1920-1995)

Саидов Мирзоҳаким яке аз наққошони моҳир буда, дар маҳаллаи чоршанбеи шаҳри Хуҷанд, дар оилаи соҳибилм таваллуд ёфтааст. Фаъолияти эҷодии Мирзоҳаким Саидов ҳамчун наққош ва мусаввир хеле барвақт оғоз ёфт. Дили ӯро ҳанӯз аз синни ҷавониаш манзараҳои Хуҷандшаҳр мерабуд ва бо рангҳо тасвир

карданро орзу дошт.

Соли 1938 ба шӯъбаи наққошии омӯзишгоҳи ш.Самарқанд дохил шуда, аз устодон П.И.Бенков, Л.И.Бурен ва усто Абдуғани Файзиеви тошканди ва усто Ширин Муродов дарси сабақ омӯхтааст.

Ҳанӯз соли 1939 дар намоиши асарҳои рассомони ҷавон дар ш.Ленинград иштирок намуд, ки ба корҳои ӯ баҳои баланд дода шуд. Баъди хатми омӯзишгоҳ ба Хуҷанд омада, дар театри К.Хуҷанди ба ҳайси рассом-ороишгар ба кор оғоз менамояд.

Ӯ иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ буда, баъди ҷанг дар ороиши хоҷагиҳои вилояти Ленинобод, аз ҷумла меҳмонхонаву чойхонаҳои колхози ба номи Фрунзе, «40-солагии Октябр» фаъолона иштирок менамояд.

Соли 1954 ӯро ба ороиши чойхонаи қасри маданияти колхози ба номи С.Ӯрунхӯҷаев таклиф менамоянд ва дар он ҷо тамоми ҳунарашро намоиш медиҳад.

Саидов М. дар ороиши осорхонаи вилоятӣ, шаҳрҳои Панҷакену ноҳияи Ашт, Нову Ғончӣ фаъолона иштирок намудааст. Ӯ дар наққошии чойхонаи Панҷшанбе, чойхона барои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар соҳили Сирдарё саҳм гузошта якчанд иншоотҳои дигарро нақшу гулпартоӣ кардааст.

Саидов М. Рассоми халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1986), аъзои иттифоқи рассомони Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви иттифоқи рассомони СССР, бисёр шогирдонро ба монанди Иномҷон Ахмедов, Аҳмад Маҳмудов ва Абдулло Раҳмонов тарбия намуда, ба камол расонидааст.

# Носирҷон Эшонов (1918-1992)



Эшонов Носирҷон соли 1918 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд ёфтааст. Аз овони ҷавониаш ба санъати тасвирӣ шавқи зиёд дошт. Дар солҳои 1936-1938 дар студияи рассоми шинохта Е.Бурсев таҳсил мекунад, баъди хатми он ба хизмати ҳарбӣ даъват мешавад. Баъди бозгашт аз ҷанг дар ватани худ ба фаъолият шурӯъ менамояд. ЭшоновН. ба ҳайси рассоми боғи истироҳатӣ, осорхонаи шаҳрӣ, саррассоми театр адои вазифа намудааст.

Ӯ аз соли 1957 дар Фонди бадеии ш.Хуҷанд фаъолияти меҳнатии худро идома додааст ва дар намоишҳои асарҳои рассомони тоҷик дар ш.Москав, ш.Душанбе ва дигар шаҳрҳо фаъолона иштирок намудааст. Дар тарғиби санъати наққошӣ ҳиссагузор мебошад. Хусусан ороиши чойхонаи Сирдарё, «Дилписанд»-и шаҳри Конибодом, Куркат, Мастчоҳ ва якчанд иншоотҳо саҳм гузоштааст.

Яке аз мусаввараҳои ӯ «Абӯали Ибни Сино» (1954), дар осорхонаи Луври Париж ҷой гирифтааст.

Фарзандонаш Эшонхӯҷа наққош, рассоми шинохта Насиба Эшонова касби падарро пеша кардаанд.

Носир Эшонов шогирдони зиёдро тарбия намудааст. Хизматҳои ӯ бо мукофотҳои давлатӣ қадрдони шудааст.

## Абдурауф Аминҷонов

А.Аминҷонов соли 1935 дар маҳаллаи Рӯмони ҷамоати Ҳ.Усмони ноҳияи Б.Ғафуров, дар оилаи ҳунарманд таваллуд ёфтааст.

Касби наққоширо аз бобояш усто Мақсуд Солиев омӯхтааст. Ӯ дар ороиши қасри маданияти «Арбоб»-и колхози ба номи С.Ӯрунхӯҷаев бо ҳунармандони шинохта М.Солиев, усто Очил Фаёзов, Раҳимшех Рачабов, усто Ғафур Мансуров ҳамкорӣ намудааст.

Аминҷонов Абдурауф хонаҳои шахсӣ, ҷойҳои ҷамъиятӣ, масҷиду мадрасаҳои ш.Хуҷанд ва атрофи онро наққошӣ намудааст. Ӯ бо гурӯҳи кориаш дар шаҳрҳои Душанбею Қӯлоб ва Самарқанду Бухоро фаъолият бурдааст.

А.Абдурауф дар ишкишофи ҳунари наққошӣ ва тайёр намудани шогирдон хизмати зиёд кардааст. Барои хизматҳояш лауреати мукофоти ба номи А.Рӯдакӣ гардидааст.

## Шодмонбек Отабеков (1936-2003)

Отабеков Шодмонбек соли 1936 дар деҳаи Рӯмони ноҳияи Б.Ғафуров, дар оилаи косиб таваллуд ёфтааст. Соли 1956 ӯ ба ороиши қасри маданияти «Арбоб» таклиф мешавад. Дар ин ҷо, дар гурӯҳҳои кори наққошон бо устодонаш - ҳунарманди шинохта

усто Ғафур Мансуров ҳамкорӣ менамояд ва ӯро устоди аввалини худ меҳисобад.

Аз соли 1959 дар Фонди бадеии ш.Хуҷанд фаъолияти меҳнатии худро оғоз менамояд. Дар тӯли фаъолияти эҷодиаш якчанд анъанаҳои наққошони гузаштаро идома медиҳад.

Усто Отабеков Шодмонбек дар ороиши наққошии пештоқи бозори Панҷшанбе, театри ба номи К.Хуҷандӣ, китобхонаи ба номи Т.Асирӣ, чойхонаи автовокзали Хуҷанд ва якчанд иншоотҳои ноҳияҳои Ҷ.Расулов, Спитамен, Мастчоҳ фаъолона иштирок менамояд. Ӯ бо гурӯҳи эҷодии худ дар вилояти Кӯлоб, шаҳри Душанбе ва дигар шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ороиши иншоотҳо саҳм гузоштааст.

Маҳсули кори Отабеков Шодмонбек бо ҳамкоронаш чойхонаи миллии тоҷикӣ яке аз шаҳрҳои Амрикоро зеб додааст. Дар фаъолияти меҳнатиашон якчанд нафар шогирдонро, ба монанди Эргашев Турсунбой ва дигаронро тарбия намудааст.

**Рустамҷон Сангинов**

Сангинов Рустамҷон - рассом, наққош, узви Иттифоқи рассомони СССР, соли 1945 дар оилаи коргар, дар маҳаллаи Кони Сурбии шаҳри Хуҷанд таваллуд ёфтааст.

Баъди хатми мактаби миёна фаъолияти меҳнатӣ бурда, соли 1968 ба Омӯзишгоҳи республикавии рассомӣ ба номи М.Олимов дохил

шудааст. Ҳунари наққоширо аз Мирзораҳмат Олимов, Ҳ.Саидов ва Н.Эшонов омӯхтааст.

Соли 1973 дар Фонди бадеии шаҳри Ленинобод ҳамчун ороишгар, баъд ҳамчун мусаввир-наққош фаъолият бурдааст. Ӯ дар ороишу наққошии биноҳои маъмурию ҷамъиятӣ ва шахсӣ фаъолона иштирок намудааст.

Сангинов Рустамҷон ҳамчун рассом соли 1977 дар хонаи эҷодии «Снеæ»-и шаҳри Москва ҳунари худро сайқал додааст. Ӯ дар бисёр озмуну намоишҳои шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ бо намояҳо ва мусаввираҳои эҷодкардаи худ иштирок намуда, сазовори диплому ифтихорномаҳо шудааст.

Сангинов Рустамҷон анъанаи халқии наққошони мактаби Хуҷанд (М.Олимов, М.Солиев, Ғ.Мансуров, Ҳ.Саидов ва дигарон)-ро идома дода, бо бисёр рассомон ва наққошони муосир ҳамкорӣ мекунад.

Ӯ дар эҷодиёти худ аз нақшҳои гиреҳӣ васеъ истифода бурда, нақши изоморфӣ-ҷонварнусхаро инкишоф додаст.

Дар байни наққошии ислимӣ тасвири товус, кабӯтар, булбул, кабк, хурӯс, саъбаҳоро ҷой намуда, нақшро диққатҷалбкунанда намудааст.

Нақши гиреҳро бо нақши ислимӣ омезиш намуда, дар интихоби ранг ба комёбиҳо ноил гаштааст.

Р.Сангинов солҳои охир ба кундалкорӣ машғул шуда, ин санъати ниёгонро аз нав эҳё карда истодааст. Корҳои эҷодии кундали ҳунарманд дар осорхонаи сафоратхонаи Тоҷикистон дар Туркия гузошта шудааст.

Дар тӯли фаъолияти эҷодиаш якчанд шогирдон, аз ҷумла Иномҷон Ахмедов, Мансурҷон Муллоҷонов, Исмоилхӯҷа Ҳайдаров, Шарифҷон Сангинов ва дигаронро тарбия намудааст ва дар ороишу наққошии чойхонаи заводи

пахтатозакунии Мастчоҳ (1978), чойхонаи «Сирдарё»-и шаҳри Хуҷанд (1979), чойхонаи ноҳияи Ҷ.Расулов (1981), Б.Ғафуров, яхмосҳои ш.Хуҷанд, ш.Душанбе (1983-1984), даромадгоҳи бозори «Панҷшанбе» (1987), айвони масҷиди «Нури Ислом», чойхонаи «Азизон»-и ш.Хуҷанд (2001) ва кундалкории қасри маданият дар Данғара (с2010) фаъолона иштирок намудааст.

**Зулфия Баҳриддинова**

Баҳриддинова Зулфия кашидадӯзи машҳури хуҷандӣ, Рассоми халқии Тоҷикистон, Арбоби шоистаи санъати ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи А.Рӯдакӣ, соли 1922 дар шаҳри Хуҷанд, дар оилаи ҳунарманд таваллуд ёфтааст.

Ӯ касби рассомиро аз падараш Баҳриддинхон Нуриддинов ва кашидадӯзиро аз аммаи меҳрубонаш Шарафнисо омӯхтааст. Аз овони ҷавониаш барои ҳунаромӯзӣ ба Шарафнисо шогирдӣ намуда, тӯпидӯзӣ, чеварӣ, гулкашиву гулдӯзиро аз худ намуда, нозукиҳои ин касбро дар дӯхтани сӯзанӣ оғоз менамояд.

Баҳриддинова Зулфия дар синни 18-19солагиаш мустақилона эҷод мекард ва соли 1941 аввалин сӯзании худро ба муносибати Даҳаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар шаҳри Москав ба намоиш мегузорад.

Ӯ анъанаҳои қадимаи сӯзанидӯзони хуҷандиро идома дода, дар дӯхти нигораҳо, ҷашни санаҳои таърихӣ рамзҳои давлатӣ ва чеҳраҳои шинохта, қаҳрамонону арбобони давлатиро кашидадӯзӣ намудааст.

Зулфия Баҳриддинова ресмони кашидадӯзии ба равшанӣ тобоварро бо технологияи рангу бори он тайёр менамояд ва дар кашидадӯзию чеҳранигорӣ аз ресмони фабрикавии «Мулина» истифода мебарад.

Ҳунарманди халқӣ З.Баҳриддинова зиёда аз 70сӯзаниву нигоришҳоро кашидадӯзӣ намудааст, ки осорхонаҳои шаҳрҳои Москаву Санкт-Петербург, Америкаву Аврупо ва давлатҳои Осиёро оро медиҳанд.

Ӯ дар инкишофи санъати кашидадӯзӣ, сӯзанидӯзӣ саҳми босазо гузошта, шогирдони бисёреро тарбия намудааст.

## Абдулаҳай Болтубоев



Абдулаҳай Болтубоев кулогари сафолаҳои бадеи, хишткор, таъмиргар соли 1939 дар оилаи Болтубойи кулолгар, дар маҳаллаи Шаршараи Хуҷанд таваллуд ёфтааст. А.Болтубоев нозукиҳои касби кулолгарӣ ва наққоширо аз падараш омӯхтааст. Ӯ аз овони ҷавониаш ба ҳунари хишткорӣ, гаҷкорӣ, меъморӣ ва ороиши иншоотҳои шахсию давлатӣ машғул, шуда дар ободонии шаҳри Хуҷанд ва атрофи он хизмат кардааст. Усто Адулаҳай дар аз нав эҳё гардонидани мақбараи шайх Маслиҳаддин, девори қаълаи Хуҷанд, хишткории атрофи муҷассамаи Камоли Хуҷандӣ, бинои ҳаммоми «Мӯрча»-и шаҳри Хуҷанд фаъолона иштирок намудааст.Ӯ барои эҳёи сафолаҳои ороиши технологияи тайёр кардани он ранг сир додану дар хумдон пухтанро ба роҳ мондааст. Хишткорӣ ва бо сафолакҳои рангину

нақққошии дарвозаи бозори «Фаровон», кӯпруки “Инъом” мазори «Овчи-калъача», масҷиди Кӯк-гумбази ноҳияи Историавшан, масҷидҳои «Қалъа» деҳаи Навгилеми ноҳияи Исфара маҳсули кори эҷодии Болтубоев А. мебошад.

## Мирамин Саидов

Саидов Мирамин соли 1956 дар оилаи читгар Шароф Мирсаидов таваллуд ёфтааст. Падараш устоди хизматнишондодаи ҳунари Тоҷикистон дар инкишофи читгарӣ саҳм гузоштааст. Ӯ донандаи асрори тайёр кардани рангҳои воқеӣ (натуралӣ), ба матоъ задани қолаби нақшу гул мебошанд.

Мирамин Саидов аз даврaи ҷавонӣ ин касбро аз падараш омӯхтааст. Аз соли 1973 дар намоишҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ иштирок намуда, ба ифтихорномаҳо сазовор гардидааст.

Аз соли 1982 Ҳунарманди халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз соли 1984 Аъзои Иттифоқи рассомони Тоҷикистон мебошад. Ӯ эҳёгари ҳунари аҷдоди «матои гулқолиб» буда, дар тарғибу ташвиқи санъати матоътайёркунӣ ҳиссагузор мебошад.

# ҶУЗЪИЁТҲОИ НАҚШ







# НАҚШҲОИ ГИРЕҲӢ



Гиреҳи чори кунду тез



Гиреҳи шаши кунду тез



**Гиреҳи ҳашти кунду тез**



**Гиреҳи даҳи кунду тез**



**Гиреҳи двоздаҳи кунду тез**











































# НАҚШҲОИ ИСЛИМӢ





































































# НАҚШҲОИ ҶОНВАРНУСХА

# НАҚШҲОИ КАТИБАВӢ



# НАМУНАИ АМАЛИ НАҚҚОШОН

Амали М.Олимов

Амали М.Солиев, Р.Рачабов

Амали Ғ.Мансуров

Амали О.Фаёзов

Амали О.Фаёзов

Амали Х.Саидов

Амали Н.Эшонов

Амали А.Аминҷонов

Амали Ш.Отабеков

Амали Ш.Отабеков

Амали Сангинов Р.

Амали Сангинов Р.

# АДАБИЁТ


1. Белинская Н.А. Декоративное искусство горного Таджикистана.- Душанбе: 1965.- 91с.илл.
2. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби якум.- Душанбе: Ирфон, 1983. -384с.илл.
3. Девид Вейд. Геометрический орнамент в странах ислама (альбом).-М.,1980.
4. Искусство таджикского народа. Выпуск-3. Душанбе, 1965. -347с.илл.
5. Исҳоқов А. Панҷакенти қадим.- Душанбе: Ирфон 1982. - 96с.илл.
6. Камолиддин Бехзод и актуальные проблемы культуры центральной Азии.-Душанбе: Ирфон, 2001.- 284с.илл.
7. Рӯзиев М. Народные умельцы.- Душанбе: Ирфон, 1983. -70с.илл.
8. Таджикское искусство.- Душанбе, 2002. -59с.илл. Швейцарское агентство по развитии и сотрудничество SDC.
9. Қасри Арбоб.- Хуҷанд,2007.- 106с.илл.
10. Юлдашев Х.А. Архитектурный орнамент Северного Таджикистана.- М., 1957 (альбом)
11. Воронина В.Л. Народная архитектура Северного Таджикистана. -М.,1959

# Барои қайдҳо

# Барои қайдҳо

# Барои қайдҳо

# МУНДАРИҶА


1. Таърихи мухтасари инкишофи санъати ороиши амалӣ .....3
2. Ҳунармандони давр .....10
3. Ҷузъиётҳои нақш .....25
4. Нақшҳои гиреҳӣ .....28
5. Нақшҳои ислимӣ .....47
6. Нақшҳои ҷонварнусха .....81
7. Нақшҳои катибавӣ.....90
8. Намунаи амали наққошон .....91
9. Адабиёт .....96


***


С.Ҳасанов, У.Раҳимов. НАҚҚОШӢ (ДАСТУРИ МЕТОДӢ) - Хуҷанд: Нури маърифат, 2010. - 96 саҳ.


**


Муҳаррири техникӣ: Т.М.Турдиев
Тарҳи компутерии З. Атохӯҷаева

*

Ба чоп 10. 01. 2010 имзо карда шуд. Супориши № .
Андозаи 60х84. Ҷ.ш.ч. 6.
Ҳуруфи TAJIKAN. Чопи офсетӣ.
Қоғази «Снегурочка».
Теъдод 200.
Нархаш шартномавӣ

Kodak Photo Paper Glossy

Нашриёти
"Нури маърифат"